# Tajik State University of Commerce

## Course name: Introduction to Political Science

## WEEK 9: The State as the Central Element of the Political System

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ

## МАВЗӮИ 9: Давлат чун унсури асосии системаи сиёсӣ

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Пайдоиши давлат
2. Навъҳои асосии давлат
3. Аломатҳои давлат
4. Вазифаҳои давлат

# 1. Пайдоиши давлат

Давлат қабл аз ҳама институти сиёсии идоракунии ҷамъият, таъминкунандаи молиявӣ, муташаккил ва дар он нигоҳ доштани низоми муайян аст, ки дорои мухторияти комил дар корҳои дохилию хориҷӣ буда, ташкилоти ягонаи амалигардонандаи ҳокимият дар кишвари хеш аст. Вай ҳамчун ташкилоти бонизоми сиёсӣ дорои ҳуқуқҳои расман ҷамъиятиро намояндагӣ намудан, қонунҳои иҷрояш барои ҳама ҳатмӣ баровардан, амалӣ намудани ҷазои судӣ ва ҳимояи шаҳрвандон дар мамлакат аст.

Давлат шакли махсуси ташкилоти сиёсӣ ва ташаккулдиҳандаи ҳокимияти сиёсӣ буда, дорои истиқлолият мебошад, ки ба воситаи он иродаи худро барои дигарон ба таври ҳатмӣ амалӣ мегардонад. Эътироф гардидани истиқлоли давлат аз ҷониби дигар давлатҳо маънои онро дорад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дар сатҳи ҳуқуқи байналхалқӣ ҷойдошта аз тарафи ин давлат эътироф гардида, принсипи дахолатнопазирии корҳои дохилии давлат эътироф гардидааст. Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур бояд дар назар дошт, ки давлат ҳамчун институти марказии системаи сиёсӣ вазифадор аст, ки дар ҳудуди худ амнияти дохилӣ ва берунии ҷомеаро таъмин намояд.

Ҳама гуна давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дорои се шохаи ҳокимияти давлатӣ: қонунбарор, ки (аз Шӯрои Олӣ, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон), Ҳокимияти иҷроия, Президент, Шӯрои вазирон ва ҳокимияти судӣ (конститутсионӣ, олӣ, олии иқтисодӣ, адлия ва прократураи генералӣ) иборат аст.

Агар органи қонунбарори ҳокимият (парламент) қонун ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурии ҳаёти ҷамъиятро муайянкунанда қабул кунад, ҳокимияти иҷроия амалинамоии онҳоро таъмин месозад. Ҳокимияти судӣ бошад баҳсҳои судиро ҳал менамояд.

Доир ба пайдоиши давлат фикру андешаҳои зиёде вуҷуд дорад, ки ҳар кадоми он андешаҳо дар худ асоси муайян доранд. Мутафаккири Чини қадим Конфутсий онро «хости Худо», дигаре натиҷаи тақсими меҳнати ҷамъиятӣ, бархе ғалабаи як гурӯҳ аз болои гурӯҳи дигар, як қисм зарурати манъ намудани омехташавии хун дар муносибати байни хешу табори наздик ва дигаре натиҷаӣ шартномаи ҷамъият донистаанд.

Вобаста ба ҳамин дар сиёсатшиносии муосир чунин андешаҳо эътироф гаштаанд:

а.

***Назарияҳои теологии* пайдоиши давлат** сарчашмаҳои илоҳии онро асоснок намуда, аз иродаи Худо вобаста будани пайдоиши давлатро нишон додаанд. Ба андешаи илоҳиётшиносон (Фомаи Аквиниягӣ ва диг.), давлат ҳамчун институти сиёсӣ барои ташкили тарзи ҳаёти одамон аз ҷониби Худо ато гардидааст. Аз ин рӯ, одамон бояд ба давлат зарар нарасонанд, зеро он муқаддас аст. Ҳокимону подшоҳон ҷонишини Худо дар рӯйи замин ва дар муносибат бо тобеон ифодагари иродаи Худо мебошанд.

б.

***Назарияи патриархалӣ*** пайдоиши давлатро ҳамчун шакли ҳокимияти ташаккулёфтаи патриархалӣ муаррифӣ менамояд. Ба ақидаи намояндагони назарияи мазкур (Р. Филмер, Н. Михайловский), давлат дар натиҷаи муттаҳид гардидани авлодҳо ва ба вуҷуд омадани қабилаҳо, муттаҳид гардидани қабилаҳо ва ба вуҷуд омадани ҷамоатҳо ва дар натиҷаи муттаҳид гардидани онҳо пайдо гардидааст. Дар охир дават ба як оилаи бузург мубаддал мегардад, ки ҳокими он ҳимоятгари манфиатҳои кулли ҷомеа мебошад.

В.

***Назарияи шартномаи ҷамъиятӣ*** пайдоиши давлатро маҳсули шартномае медонад, ки он дар миёни одамон баста шуда, барои риояи шарту шароитҳои муайян ва ташкили ҳаёти якҷояи онҳо равона гардидааст. Ба ақидаи намояндагон ва ташаккулдиҳандагони назарияи мазкур (Т. Гоббс, Ҷ. Локк, Ж. Ж. Руссо), давлат натиҷаи ризоияти дохилии миёни шаҳрвандоне мебошад, ки онҳо ба хотири ҳимояи моликияти худ ва тартиботи ҷамъиятӣ як қисми озодиҳои худро ба давлат додаанд.

В.

***Назарияи зӯроварӣ*** (Л.Гумплович ва Ф.Оппенгаймер). Мувофиқи таълимоти намояндагони назарияи мазкур, давлат дар натиҷаи аз ҷониби як халқ истило гардидани халқи дигар ба вуҷуд омадааст. Бинобар ин, давлат ҳукмронии гурӯҳҳои пурқувват аз болои гурӯҳҳои камқувват мебошад, ки дар чунин шароит мағлубон тобеи ғолибон гардонида мешаванд.

г.

***Назарияи синфӣ*** (К.Маркс, В.И.Ленин). Мувофиқи назарияи мазкур давлат дар натиҷаи пайдоиши моликияти хусусӣ, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва тақсими ҷомеа ба синфҳо ба вуҷуд омада, ба воситаи он як синфи ҷамъиятӣ аз болои синфи дигар ҳукмронии худро ба амал мебарорад. Таълимоти мазкур навъҳои зерини давлатро, ки хусусияти синфӣ доранд, муайян намудааст: давлатҳои ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва сотсиалистӣ.

Афкори сиёсии дунёи қадим моҳияти тақсимнамоии давлатию ҷамъиятиро намедонист. Дар ғунҷоиши ин ду мафҳум тарзи ҳоли «корҳои умумӣ ва шаҳрвандон» фаҳмида мешуд. Афкори асримиёнагӣ онро ҳамчун инояти илоҳӣ медонистанд.

Дар афкори сиёсии асримиёнагии мардуми форсу тоҷик «шоҳигарӣ, бекигарӣ, хонигарӣ» ва ҳоким ба номи волӣ, ҳоким, бек, хон фаҳмида мешуд. Яъне вобаста ба дараҷаи инкишофи ҷамъият марҳилаҳои инкишофи давлат, мураккабгардии тарзи истеҳсолот, шуғли мардум ва мутобиқи он тағйир ёфтани сифати ҳуқуқию фарҳангӣ ва илмию техникии он низ тағйир пазируфтааст.

Давлат метавонад низоми муайяни муносибати судбахши одамонро дар ҷомеа таъмин намуда, то андозае озодӣ ва манфиатҳои онҳоро ҳифз намояд.

Ҳамин вазифаҳои давлатро ба назар гирифта профессор Зокиров Г. дар асараш «Давлат» ба давлат чунин таъриф додаст: «Давлат шакли махсуси ташкили ҳокимияти сиёсӣ ва унсури меҳвари ҷомеа буда, фаъолияту муносибатҳои одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро муташаккил сохта, онҳоро ба самтҳои зарурӣ равона карда аз болояшон назорат менамояд»[1].

1.Зокиров, Гулмаҳмад. Давлат. Душанбе: Ирфон, 2012.-384 с.

Дарки табиат ва моҳияти давлат таҳлили ҳамаҷонибаи онро талаб менамояд. Аз ин рӯ, дар илмҳои сиёсӣ дар раванди омӯзиши давлат як қатор муносибатҳои илмӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд:

1.Фаҳмиши сиёсию фалсафӣ. Давлат ташкилоти пуриқтидоре мебошад, ки ягонагӣ ва мукаммалии ҷомеа, ҳалли корҳои ҷамъиятӣ ва танзими муносибатҳои байни ҳокимон ва тобеонро таъмин менамояд.

2.Фаҳмиши синфӣ. Давлат маҳсули ба синфҳо ҷудо гардидани ҷомеа буда, воситаи ҳукмронии як синф аз болои синфи дигар ме-бошад.

3.Фаҳмиши ҳуқуқӣ. Давлат сарчашмаи ҳуқуқ ба шумор рафта, ба воситаи иерархияи қонунҳо мустақилияти ҳокимияти сиёсиро таъмин менамояд.

## 2. Навъҳои асосии давлат

Сиёсатшиносон вобаста ба тарзи ҳокимияти олӣ, ҳайати миллӣ, режими сиёсӣ, вазифагӣ, сохтори иҷтимоӣ, сиёсӣ навъҳои гуногуни давлатро номбар кардаанд, ки ҳар кадом бо ин ё он навъе воқеияти сиёсии ҷомеаро инъикос менамоянд.

Сиёсаташинос Л. М. Куликов дар дастури таълимии «Асосҳои сотсиология ва сиёсатшиносӣ» асосан ду шакли давлат - монархӣ ва ҷумҳуриявиро нишон додааст, ки ҳар кадом дорои шаклҳои гуногунанд.

## Аз ҷумла Л. М. Куликов чунин схемаро пешкаш намудааст:

| | | |
|---|---|---|
| ДАВЛАТ | Аз рӯи тарзи ташкили ҳокимияти олӣ | 1. Монархӣ: маҳдуд, номаҳдуд<br>2. Ҷумҳурӣ: президентӣ, парламентӣ |
| | Аз рӯи ҳайати миллӣ ва сохтори ҳудудӣ | Унитарӣ, федеративӣ, конфедеративӣ |
| | Аз рӯи режими сиёсӣ | Тоталитарӣ, авторитарӣ, демократӣ |
| | Аз рӯи самти вазифагии давлат | Ҳарбӣ, милитсиягӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ |
| | Аз рӯи устувории ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ | Босубот ва бесубот[1] |

1.Куликов, Л. М. Асосҳои сотсиология ва сиёсатшиносӣ. Москва: Высшая школа, 2000.-300 с.

Давлат шакли махсуси ташкилоти ҳокимияти сиёсӣ буда, сохтор ва шакли идоракунӣ мебошад.

Шакли давлатро аз рӯи маҷмӯи аломатҳои зоҳирӣ, ки аз се унсур: шакли сохтори давлатӣ, шакли идоракунӣ ва режими сиёсӣ иборат мебошад, фарқ менамоянд.

Аслан ҳама ду шакли идоракунӣ- ҷумҳурӣ ва монархиро эътироф намуданд, ки ҳар кадом дорои гуногунияти хоса мебошанд.

Идоракунии монархӣ, шакли идоракуниест, ки ҳокимияти олии давлат қонунан ба як шахси вазифаашро меросгирифта тааллуқ дорад.

Ду шакли монархия вуҷуд дорад:

а. Монархияи мутлақ;

б. Монархияи конститутсионӣ;

Дар монархияи мутлақ ҳокимияти сарвари давлат номаҳдуд аст. Монарх давлатро дар асоси меъёр ва қоидаҳои давлатӣ идора мекунад, ки истифодаи онҳоро монарх зарур медонад. Чунин ҳокимият аксаран хусусияти теократӣ мегирад, масалан Арабистони Саудӣ, Қувайт, Баҳрайн, Аморати Муттаҳидаи Араб сарқонун қабул кардаанд, шакли ҳокимияти намояндагӣ ташкил дода бошанд ҳам, хусусияти мустақилияташон тағйир наёфтааст. Монархияи мутлақ дар асрҳои миёна пайдо шуда, хусусияти хоси онро беҳуқиқии халқ, вуҷуд надоштани органҳои намоядагӣ, дар дасти як нафар гирд овардани тамоми ҳокимият ташкил медиҳад.

Масалан, Арабистони Саудӣ ва Уман.

Монархияи конститутсионӣ ду хел мешавад; дуалистӣ ва парламентӣ. Дар дуалистӣ ҳокимят байни парламент ва монарх тақсим мешавад. Монархияи дуалистӣ шакли идоракунии гузаришӣ буда, барои марҳилаи муайяне, ки буржуазия ҳам аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ суст аст, маҷбур аст, ки ҳокимиятро бо синфҳои пештараи ҳукмрон тақсим намояд (Иордания, Марокко). Дар чунин идоракунӣ ҳокимият байни монарху парламент тақсим мешавад.

Дар ин шакли идоракунӣ агарчи Сарқонун шаклан ваколати қонунгузориро дода бошад ҳам, вале вай дар ташкили ҳокимият нақши муассир надошта, монарх ҳуқуқи парламентиро хеле кам мекунад, чунки ба вай ҳуқуқи «вето» гузоштан боқӣ мондааст.

Дар шароити ҳозира монархияи парламетӣ хеле паҳншудааст. Масалан Британия, Белгия, Австрия, Германия, Испания, Канада, Зеландияи нав, Япония ва ғайра. Дар ин давлатҳомонархҳукм меронад вале идора наменамояд.

Сиёсатшиносони муосир дар зери мафҳуми идоракунии ҷумҳуриявӣ идоракуниеро медонанд, ки дар он ҳама ташкилотҳои олии ҳокимияти давлатӣ ё интихобӣ ва ё муассисаҳои намояндагии умумимиллиро ташаккул медиҳанд.

Ҷумҳурӣ чунин шакли идоракуниест, ки ҳокимияти олии давлатӣ ё аз тарафи тамоми аҳолӣ бевосита ё аз ҷониби муассисаи умумимиллӣ интихоб карда мешавад. Масалан дар Амрико сарвари ҳокимияти давлатиро 538 вакилони аз ҷониби халқ интихобшуда интихоб менамоянд.

Дарайни ҳол навъи аз ҳама паҳншудаи давлат ҷумҳуриявӣ маҳсуб мешавад, ки вай дорои чунин шаклҳост.

а) идоракунии президентӣ;

б) идоракунии парламентӣ.

Шакли идоракунии президентӣ- Президент тибқи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Тоҷикистон чун тамоми мамолики ба ин монанд, дар як вақт ҳам сардори давлат ва ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб мешавад. Аммо хусусияти хоси идоракунии президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки Презедент ҳам сарвари давлат ва ҳам ҳокимияти сиёсӣ дониста шудааст. Масалан тибқи Сарқонуни Федератсияи Россия, - Презедент танҳо сарвари давлат буда, роҳбарии ҳокимияти сиёсиро сарвазир ба ӯҳда дорад.

Дар ҷумҳурии президентӣ тақсими ҳокимиятҳо хеле шадид буда вазифаҳои байни органҳои олӣ: қонунбарор, иҷроия ва судӣ тарзе ҷудо карда шудааст, ки ҳар кадом комилан мустақил буда, ҳар яки он танҳо ҳамон вазифаеро, ки ба зимааш гузошта шудааст, иҷро менамояд. Дар идоракунии президентӣ Президент ҳам сарвари давлат ва ҳам сарвари ҳукумат маҳсуб шуда, мансаби сарвазирӣ шаклан вуҷуд надорад. Президент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти сиёсӣ барномаи фаъолияти давлатиро муайян намуда, дар қабули қарорҳои муҳими сиёсию иқтисодӣ сухани охирин ба ӯ тааллуқ дорад.

Дар Ҷумҳурии парламентӣ бошад ҳокимияти олӣ ба он тааллуқ дошта, ҳокимияти сиёсӣ дар назди он ҷавобгар аст. Хусусияти зоҳирии фарққунандаи он аз президентӣ дар он аст, ки ин ҷо сарвазир вуҷуд дорад. Дар чунин давлат ҳокимият аз тарафи парламент аз ҳисоби пешвоёни ҳизбҳои сиёсии дар палатаи поёнӣ аксарияти ҷодошта ташаккул меёбад. Иштироки сарвари ҳукумат дар таъини мансабдорон хусусияти рамзӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии парламентӣ идоракунӣ хусусияти ҳизбӣ дошта, вай барои ҷумҳурии президентӣ хос нест. Дар чунин давлат байни ҳама ташкилотҳои олии ҳокимияти давлатӣ ва вазъияти воқеии ҳуқуқии онҳо фарқияти ҷиддӣ вуҷуд дорад. Як номувофиқии тарзи идоракунӣ дар он аст, ки парламент, ҳокимияти олӣ эълон карда шавад ҳам, вай ҳамеша дар зери назорати ҳокимияти сиёсӣ мемонад. Дар давлатҳои идоракунии парламетӣ ва президентӣ ҳуқуқи хеле зиёде дода шуда бошад ҳам, аммо онҳо аз тарафи ҳукумат амалӣ мегарданд. Намунаи шакли идоракунии парламентиро дар мисоли Германия, Туркия, Шветсария ва Ирландия дидан мумкин аст.

**Ҷумҳурият -** давлате, ки ташкилотҳои ҳокимият дар асоси интихоботи умумӣ ташаккул меёбад.

| **Президентӣ** |
| --- |
| Дар ҳаёти ҷамъиятӣ - сиёсӣ Президент нақши асосӣ мебозад. Президент чун парламент аз ҷониби халқ интихоб мегардад. Президент сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия маҳсуб мешавад. Ҳокимият дар кишвар нисбатан устувор буда, ҳокимияти қонунбарор ва иҷроия маҷбуранд ҳамкорӣ намоянд |
| Масалан, Боливия, Мехико, Венусуэла, ИМА, Финландия, Россия, Тоҷикистон, Қазоқистон. |

## Парламентӣ

Парламент дар ҳаёти сиёсии ҷамъият нақши асосӣ дорад.

Парламент ҳукуматро ташкил ва идора менамояд.

Президент аз ҷониби парлумон интихоб шуда, танҳо ба ном сардори давлат аст.

Ҳокимият метавонад он қадар устувор набошад, агар парламент ба гурӯҳҳои гуногуни мухолиф ҷудо шуда бошад.

Масалан, Австрия, Ҳиндустон, Исландия, Италия, ФРГ, Шветсия.

Ҳаминро бояд донист, ки дар ҳокимияти шакли ҷумҳуриявии президентӣ ва парламентӣ ваколатҳо гуногунанд. Масалан: дар ҷумҳурии президентӣ ваколати Президент зиёдтар бошад, дар парламентӣ ваколати парламент бештар аст.

Дар зери мафҳуми сохтори давлат ташкили миллӣ-ҳудудии давлат ва муносибатҳои байниҳамдигарии мақомотҳои марказиву минтақавӣ дониста мешавад.

Шакли сохтори давлатӣ таркиби ҳудудии давлатро инъикос намуда, хусусиятҳои ҳокимияти маҳаллӣ, минтақавӣ ва марказиро ифода менамояд. Айни замон шаклҳои сохтори давлатиро ба се навъи асосӣ ҷудо менамоянд: унитарӣ, федеративӣ ва конфедеративӣ.

***Давлати унитарӣ*** ин давлати ягона ва муқаррарие мебошад, ки ба монанди давлатҳои дигар аз воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ташкил ёфтааст. Давлати унитарӣ дорои конститутсияи ягона, системаи ягонаи ҳуқуқӣ, низоми ягонаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, низоми ягонаи идоракунӣ ва низоми ягонаи шаҳрвандӣ мебошад. Айни замон Фаронса, Шветсия, Дания, Туркия, Эстония, Белорус, Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои дигар давлатҳои унитарӣ мебошанд. Аз рӯйи таркиби миллӣ ҳиссаи бештари аҳолии аксари давлатҳои унитариро намояндагони як миллат ташкил медиҳанд.

***Федератсия*** воҳидҳои давлатии муттаҳидшудаеро дар бар мегирад, ки ҳар як воҳиди он то як андоза мустақилияти сиёсӣ дорад. Дар шароити федератсия дар баробари мавҷудияти конститутсияи федералӣ, ҳокимияти олӣ ва низоми ҳуқуқии федералӣ, воҳидҳои алоҳидаи федератсия низ метавонанд конститутсия, парлумон, шаҳрвандӣ, мақомоти ҳокимияти давлатии худро дошта бошанд.

Бо мақсади хубтару беҳтар ба роҳ мондани муносибатҳои фарҳангӣ, миллӣ ва ҳудудии умумиятҳои гуногун давлатҳои федералӣ ташкил карда мешаванд. Айни замон давлатҳои ИМА, Канада, Олмон, Мексика, Бразилия, Белгия, Россия ва як қатор кишварҳои дигар давлатҳои федералӣ мебошанд.

***Конфедератсия*** иттифоқи давлатҳои мустақил ва соҳибистиқлоле мебошад, ки бо мақсади дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои ягонаи стратегӣ ташкил карда мешавад. Давлатҳои аъзои конфедератсия истиқлолияти сиёсӣ, низоми шаҳрвандӣ, мақомоти ҳокимияти давлатии худро нигоҳ дошта, танҳо масъалаҳои ҳарбӣ, алоқа, нақлиёт ва сиёсати хориҷии худро дар доираи амалкарди иттифоқи байнидавлатӣ ҳал намуда, ба салоҳиятҳои он ворид менамоянд. Меъёри ҳуқуқии ташкили конфедератсия шартномаҳои байнидавлатӣ мебошанд.

Конфедератсия сохтори давлатии ноустувор мебошад. Он батадриҷ дар зери таъсири таҳаввулоти сиёсӣ ё ба федератсия табдил меёбад ва ё баръакс аз байн меравад. Конфедератсия ҳамчун шакли сохтори давлатӣ дар солҳои 1776-1787 дар ИМА, солҳои 1291-1848 дар Швейтсария, солҳои 1815-1867 дар Олмон, солҳои 1982-1989 дар Сенегамбия (дар натиҷаи муттаҳид гардидани Сенегал бо Гамбия) ба мушоҳида мерасид.

Ҳар кадом аъзои конфедератсия соҳибихтиёриашро нигоҳ дошта бо дигар давлатҳо ихтиёран иттифоқ баста, як ҳиссаи маҳдуди ваколаташонро бо ҳокимитяи марказӣ медиҳанд.

## 3.Аломатҳои давлат

Давлат пеш аз ҳама ташкилоти сиёсии универсалиест, ки ба манфиати аҳолии дар ҳудуди муайян зиндагикунанда ҳокимият ронда, муносибатҳои байни онҳоро бо ёрии нормаҳои қонун ба танзим медарорад. Ба давлат чӣ хел таъриферо муносиб надонанд ҳам, вай дорои чунин аломатҳост:

1. Қобилияти ба ҳам якҷоя карда тавонистани манфиатҳои гуногуни иҷтимоии сиёсӣ.
2. Давлат ташкилоти ҳокимият, натанҳо боваркунонӣ, балки маҷбуркунӣ аст.
3. Нормаҳои фаъолияти давлатро қонун муайян ва мустаҳкам менамояд.

4. Истиқлолият доштан, яъне давлат нисбат ба субъектҳои дар ҳудудашбуда чунон ҳокимияти олӣ ва номаҳдуд дорад, ки дигар давлатҳо онро эҳтиром доранд.

5. Ҳама одамони дар ҳудудашбуда, аз ҷумла шаҳрвандони давлатҳои дигарро дар зери таъсир нигоҳ доштан.

Ба аломатҳои фарққунанда инчунин ҳудуди давлат, ки бо сарҳад ҷудо карда шудааст, аҳолӣ, ки ба онҳо ҳокимият паҳн мегардад ва аппарати давлатӣ дохил мешаванд.

Аҳолии мамлакат одамони дар ҳудуди он маскунбударо дар бар мегирад. Новобаста ба гуногунии иҷтимоии аҳолӣ, онҳо ҷомеаи ягонаро ташкил намуда, дар ҳудуди давлат ба сифати манбаи ҳокимият баромад менамоянд.

**Ҳокимияти расмӣ.** Чунин навъи ҳокимият ба аҳолӣ тааллуқ надошта, ба табақаи мушаххаси ҷомеа, ки ба идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ машғуланд, тааллуқ дорад. Ҳокимияти расмӣ аз ҷониби дастгоҳи махсуси давлатӣ ба амал бароварда шуда, марҳила ба марҳила бо воситаҳои моддӣ-техникӣ таъмин карда мешавад.

Баъзан давлатро институти ягонаи системаи сиёсӣ номбар менамоянд. Чунки нишонаҳои мазкур танҳо ба давлат тааллуқ доранд. Ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун институти сиёсӣ дорои чунин нишона нестанд. Махсусан ҳокимияти олӣ ва истиқлолият танҳо хосси давлат аст. Боз ба он хотир давлат ҳамчун институти ягона муаррифӣ мегардад, ки ҳудуди муайян ба он тааллуқ дорад ва дар як ҳудуд ду ҳокимият вуҷуд дошта наметавонад, яъне як ҳудуд, як ҳокимияти расмӣ ва як давлат.

## 4. Вазифаҳои давлат

Давлат дорои ду вазифа аст:

А. Дохилӣ;

Ба вазифаҳои хориҷӣ инҳо дохил мешаванд:

1. Танзими иқтисодиёти давлатӣ.
2. Давлат ба воситаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба иқтисодиёту истеҳсолот таъсир мерасонад ва роҳ нишон медиҳад.
3. Вай барои ҳаёти муътадил шароит муҳайё месозад (вазифаи иҷтимоӣ).

4.Тартиботи ҳуқуқиро таъмин намуда, ба худсарии маъмурон ва органҳои маъмурӣ роҳ намедиҳад.

5. Вазифаи маданӣ - тарбиявиро иҷро мекунад.

6. Сохти ҳокимияти мавҷударо аз қувваҳои носолим ҳифз менамояд.

7.Таксими баробарии арзишҳо дар ҷомеа.

8.Ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини бехатарии миллӣ.

## Б. Хориҷӣ;

1. Ҳимояи кишвар аз ҳуҷуми хориҷӣ ва роҳ надодан ба ҷанги нав.

2. Ҳифзи манфиатҳои давлатӣ дар арсаи байналмилалӣ.

3. Инкишоф додани ҳамкорӣ бо тамоми мамалакатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ.

4. Таъмини амнияти дастаҷамъӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ.

# Адабиёт

1. Зокиров, Гулмаҳмад. Давлат. Душанбе: Ирфон, 2012.-384 с.
2. Куликов, Л. М. Асосҳои сотсиология ва сиёсатшиносӣ.
Москва: Высшая школа, 2000.-300 с.
3. Мальцев, В. А.  Основы политологии: Учебник для студ. вузов.– 4–е, изд,. дораб..–. М.: ИТРК, 2002.– 542 с.
4. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва  Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250
5. Василик, М. А. Политология. Москва: Гардарики, 2000, стр.18–19.
6. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 288

Ташаккури зиёд!